# Пайғамбарлар 4



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ТАҚРИБАН ДАР СОЛИ 650 ТО МИЛОД, ЯК САДСОЛА ПАС АЗ ОН КИ МАРДУМИ НИНВЕ, ПОЙТАХТИ АШШУР, ДАР НАТИҶАИ МАВЪИЗАИ ЮНУС ТАВБА КАРДАНД, ОНҲО БА БАДКИРДОРИҲО, ҒУРУР ВА БУТПАРАСТӢ БАРГАШТАНД.
НАҲУМ
АММО ХУДО БА ОНҲО ПАЁМЕ ФИРИСТОД – АМАЛҲОИ ОНҲО БОИСИ ҶАЗОЯШОН МЕШАВАНД.
ВА ШАХСЕ КИ ХУДО БА ВОСИТАИ Ӯ ГАП МЕЗАД, НАҲУМИ АЛҚӮШӢ БУД.
ЭҲТИМОЛ, Ӯ АЗ АВЛОДОНИ ЯКЕ АЗ МУҲОҶИРОНИ ЯҲУДӢ БУД, КИ ДАР СОЛИ 772 ТО МИЛОД, ПАС АЗ ЗАБТИ УРШАЛИМ, БА АШШУР БУРДА ШУДА БУДАНД.


ИН ПЕШГӮӢ ДАР ЗАМОНИ ҲУКМРОНИИ ПОДШОҲ МЕНАШШЕ ДОДА ШУДА БУД (СОЛҲОИ 695-642 ТО МИЛОД).
КИТОБИ НАҲУМ – ДАВОМИ КИТОБИ ЮНУС АСТ.


ШАҲРИ НИНВЕ
ФАТҲНОПАЗИР МЕТОФТ


ПАРВАРДИГОР ПУРСАБР АСТ, АММО ҲАНГОМЕ КИ ҒАЗАБАШ АЛАНГА ГИРАД, ҚУВВАТИ Ӯ БУЗУРГ АСТ. Ӯ ГУНОҲКОРРО БЕҶАЗО НАМЕГУЗОРАД.
ДАР ҲУЗУРИ Ӯ КӮҲҲО БА ЛАРЗА МЕОЯНД ВА ПУШТАҲО ГУДОХТА МЕШАВАНД; ЗАМИН МЕҶУНБАД ВА СОКИНОНИ ОН НОБУД МЕШАВАНД.


БО ДЕВОРҲОИ БАЛАНДИЯШОН 30 МЕТР, ХАНДАҚИ БАРАШ 50 МЕТР ВА ЧУҚУРИЯШ 20МЕТР ВА БУРҶҲОИ МУДОФИАВӢ ДАР ДАВРОДАВРИ ДЕВОРҲО ОНҲО ХУДРО ДАР БЕХАТАРӢ ҲИС МЕКАРДАНД.
АММО ДАР ПАЁМИ НАҲУМ ГУФТА ШУДА БУД, КИ...
ПАРВАРДИГОР АНДЕШАҲОИ ШУМОРО ХОТИМА ХОҲАД ДОД.
Ӯ НИНВЕРО БО СЕЛОБИ ФАРОГИР ХАРОБ МЕКУНАД.1
1) ДАРЁИ ДАҶЛА АЗ СОҲИЛҲОЯШ БЕРУН ШУДА, ДЕВОРҲОИ ШАҲРРО СУСТ КАРД ВА БА БОБИЛИЁН ИМКОН ДОД, КИ БА ШАҲР ДОХИЛ ШАВАНД.
Нахум 1:1-8


ТУ БА МАСЛИҲАТҲОИ БЛИЯАЛИ БАДКИРДОР ГӮШ МЕДОДӢ.1
(1) ПАЙҒАМБАР ТАХМИН МЕКУНАД, КИ РОҲБАРИЯТ (ЭҲТИМОЛ, ПОДШОҲ САНҲЕРИБ) ЗЕРИ ТАЪСИРИ ШАЙТОН БУД.


АГАРЧИ БОБИЛИЁН ҲАНӮЗ НИНВЕРО БА ДАСТ НАОВАРДА БУДАНД, ПАЙҒАМБАР БО КИНОЯ ГАП МЕЗАД, ГӮЁ ИН ҲОЗИР РӮЙ ДОДА БОШАД.
«БА ЗУДӢ ШАҲР ВАЛАНГОР МЕШАВАД; ДИЛҲО АЗ ДАҲШАТ ОБ МЕШАВАНД; ЗОНУҲО МЕЛАРЗАНД; МАРДУМРО ЛАРЗА ФАРО ГИРИФТААСТ, РАНГИ РӮИ ҲАМА ПАРИДААСТ».


«ПАРВАРДИГОР ҚАРОР ДОД, КИ ТАМОМИ ШАҲР БА АСОРАТ БУРДА МЕШАВАД».




Нахум 1:12-2:13


НАҲУМ СЕ АЙБДОРКУНИИ ПАРВАРДИГОРРО ЗИДДИ НИНВЕ ЭЪЛОН НАМУД.
ВОЙ БА ҲОЛИ ИН ШАҲРИ ХУНХОРИ ПУР АЗ МАКР.
АМАЛҲОИ РӮҲОНӢ ВА АХЛОҚИИ ШУМО ЧУН ЗИНОКОРӢ МЕБОШАНД.
МАН БАР ЗИДДИ ШУМО МЕБАРОЯМ.
ҲАМАИ ХАЛҚҲО АВРАТИ ТУРО ХОҲАНД ДИД.

Нахум 3:1-6


«ТУ АЗ ТАҚДИРИ ТЕБЕС ДАРСИ ИБРАТ НАМОМӮХТӢ».
«МАРДУМИ ОН БА ҒУЛОМӢ БУРДА ШУДАНД; КӮДАКОНАШ ДАР САРИ ҲАР КӮЧА БА САНГҲО ЗАДА КУШТА ШУДАНД».
«САРБОЗОН БАР АШРОФОНИ ОН ҚУРЪА ПАРТОФТАНД, ТО КИ ОНҲОРО БА ҒУЛОМӢ ТАҚСИМ КАРДА ГИРАНД».
«ТАМОМИ АКОБИРИ ОНҲО БО ЗАНҶИРҲО БАСТА ШУДАНД».
(1) ТЕБЕС ШАҲРИ КАЛОН, ПОЙТАХТИ МИСРИ ҶАНУБӢ БУД. ОН НИЗ БО ДАРЁ ҲИМОЯ КАРДА ШУДА БУД, АММО АШШУРБАНИПАЛ ОНРО ДАР СОЛИ 663 ТО МИЛОД ЗАБТ НАМУД.

Нахум 3:8-10


БА ШУМО ДАР ВАҚТИ МУҲОСИРА ОБ ДАРКОР МЕШАВАД – ЗЕРО ОТАШ ТУРО ҲАТМАН ФУРӮ ХОҲАД БУРД.
ТУ ТИҶОРАТРО ДАР ШАҲР АФЗУН КАРДАӢ, АММО ИН ФАҚАТ МАЪНОИ ОНРО ДОРАД, КИ ДУШМАНОН ҒАНИМАТИ БЕШТАР БА ДАСТ ОВАРДА МЕТАВОНАНД.
БАРОИ ШИКАСТИ ТУ МУОЛИҶАЕ НЕСТ, ЗАРБАЕ КИ ТУ ХӮРДАӢ, ДАВО НАДОРАД; ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ ИН ХАБАРРО ДАР БОРАИ ТУ ШУНИДААНД, БА ҲОЛИ ТУ ЧАПАК ЗАДАНД.
ВА ТУ АЗ НАЗАР ПӮШИДА МЕШАВӢ...
ПАС АЗ ХАРОБ ГАРДИДАНИ ШАҲР ДАР СОЛИ 612 ХАРОБАҲОИ ОН ТАНҲО ДАР СОЛИ 1842 ОШКОР ШУДАНД.
ҲАР ЯК СУХАНИ ПЕШГӮИИ ПАРВАРДИГОР, КИ БА ВОСИТАИ НАҲУМ ГУФТА ШУДААСТ, ИҶРО ШУДААСТ.146

Наҳум 3:14-19


СОЛИ 605 ТО МИЛОД.
Ҳабаққуқ
БО ФУРӮ ҒАЛТИДАНИ ИМПЕРИЯИ АШШУР ХАЛҚИ НАВЕ1БА ЗАБТКОРӢ САР КАРД ВА ҚУДРАТМАНД ШУДАН ГИРИФТ.
(1) КАЛДОНИЁН ХАЛҚИ НИМБОДИЯНИШИН ДАР ҶАНУБИ БОБИЛ БУДАНД (ИРОҚИ ҲОЗИРА), КИ НАЗДИ ДАРЁИ ДАҶЛАВУ ФУРОТ МЕЗИСТАНД. «КАЛДОНӢ» БО МУРУРИ ЗАМОН МУРОДИФИ КАЛИМАИ «БОБИЛӢ» ШУД.
ПАС АЗ ВАФОТИ ИН ПОДШОҲИ ХУДОТАРС, ДАР БАЙНИ БАДКИРДОРИҲОИ БОБИЛИЁН БУДА, ПАЙҒАМБАР ҲАБАҚҚУҚ БА ХУДО ШИКОЯТҲОИ ХУДРО БАЁН МЕКУНАД.
ПОДШОҲ ЮШИЁҲУ, ПОДШОҲИ РОСТКОРИ ЯҲУДО, ДАР МУҲОРИБА КУШТА ШУД, ҲАНГОМЕ ЛАШКАРИ ФИРЪАВН НАКӮҲ АЗ ЯҲУДО МЕГУЗАШТ, ТО БАР ЗИДДИ АШШУРИЁН БИҶАНГАД.
Ҳабаққуқ 1:1-4




Ҳабаққуқ 1:1-4


ТУ АЗ ОН ЧИ МАН КАРДАНӢ ҲАСТАМ, ХЕЛЕ ҲАЙРОН ХОҲӢ ШУД!
МАН ИНРО ДАР ЗАМОНИ ШУМО БА АМАЛ ХОҲАМ ОВАРД... ЛОЗИМ МЕОЯД, КИ ИНРО БИНЕД, ТО БОВАР НАМОЕД.
МАН ҚУВВАИ НАВЕРО – БОБИЛИЁНРО БАРМЕХЕЗОНАМ... ХАЛҚИ САНГДИЛ ВА ТУНДМИЗОҶРО, КИ ДАР ФАРОХИҲОИ ЗАМИН МЕГАРДАНД ВА ОНРО ЗАБТ МЕКУНАНД.
ВА АСПОНИ ОНҲО АЗ ПАЛАНГОН ЧОБУКТАР, ВА АЗ ГУРГОНИ ШАБ ДАЛЕРТАРАНД.
ОНҲО МОНАНДИ УҚОБЕ КИ СӮИ ШИКОРИ ХУД МЕШИТОБАД, ПАРИДА МЕОЯНД.
АММО ГУНОҲИ ОНҲО ЗИЁД АСТ, ЗЕРО ОНҲО ЧУНИН МЕҲИСОБАНД, КИ ТАВОНОИИ ОНҲО АЗ ХУДОЁНАШОН БАРМЕОЯД.
Ҳабаккук 1:5-11


«ЭЙ ҚУДДУСИ МАН – НАХОД НАҚШАИ ТУ ДАР ОН АСТ, КИ МОРО НОБУД КУНӢ? АЛБАТТА, НЕ!»
«ТУ ИН БОБИЛИЁНРО БАРОИ ОН ФИРИСТОДӢ, КИ МОРО БАРОИ ГУНОҲҲОИ ДАҲШАТОВАРАМОН ҶАЗО ДИҲӢ».
МО БАД ҲАСТЕМ, АММО ОНҲО БАДТАР МЕБОШАНД!
НАХОД ТУ, КИ ҲАР ГУНОҲРО ЧАШМИ ДИДАН НАДОРӢ, БЕПАРВО МОНӢ, ҲАНГОМЕ КИ ОНҲО МОРО ФУРӮ МЕБАРАНД?
«НАХОД ТУ ХОМӮШ МОНӢ, ҲАНГОМЕ БАДКИРДОРОН КАСОНИ АЗ ХУДАШОН РОСТКОРТАРРО НОБУД МЕКУНАНД?»
«ОНҲО МОРО ЧУН МОҲИЁН САЙД МЕКУНАНД, ВА МЕКУШАНД, МО БАРОИ ОНҲО ЧУН ХАЗАНДАГОНЕ МЕБОШЕМ, КИ ҲОКИМЕ НАДОРАНД».
«ОЁ ТУ МЕХОҲӢ, КИ ОНҲО МОРО БА ШАСТ КАШАНД ВА БА ТӮРИ ХУД ДАРОРАНД, ВА АЗ ИН САБАБ ХУРСАНД ШАВАНД?»
«ОНҲО БАРОИ ТӮРИ ХУД ЧУН БА ХУДОЁН ҚУРБОНӢ МЕКУНАНД ВА ХУШБӮЙ МЕСӮЗОНАНД!»
НАХОД ТУ БА ОНҲО ИМКОН ДИҲӢ, КИ ТО АБАД БЕҶАЗО БИМОНАНД?
МАН ДАР ДИДБОНГОҲИ ХУД ИСТОДА, ҶАВОБИ ТУРО ИНТИЗОР МЕШАВАМ.




Ҳабаққуқ 2:2-14






Ҳабаққук 2:15-20


ПАРВАРДИГОРО, МАН ДАР БОРАИ ШӮҲРАТИ БУЗУРГИ ТУ ШУНИДАМ ВА АЗ АМАЛҲОИ ТУ ДАР ҲАЙРАТ ҲАСТАМ.
БА МО БОЗ ЁРӢ ДЕҲ, ЧУНОН КИ ДАР ЗАМОНҲОИ ГУЗАШТА МЕКАРДӢ.
ТАВОНОИИ ХУДРО БА МО БАРОИ НАҶОТАМОН НИШОН ДЕҲ.
ҲАНГОМИ ҒАЗАБ РАҲМДИЛИИ ХУДРО БА ЁД ОВАР.
«МАН ХУДОРО ДИДАМ, КИ АЗ БИЁБОН МЕОМАД... ШУКӮҲИ ПОКИ Ӯ ЗАМИНУ ОСМОНРО ФАРО ГИРИФТ; ҶАЛОЛИ Ӯ ЗАМИНРО ПУР КАРД!»
«ПЕШОПЕШИ Ӯ ВАБО РАВОН АСТ, ВА АЗ ПАСИ ҚАДАМҲОЯШ АЛАНГА БЕРУН МЕОЯД».
«ХАЛҚҲОРО БА ЛАРЗА АНДОХТ; ВА КӮҲҲОИ ҚАДИМ МЕТАРКАД, ПУШТАҲОИ КУҲАН ПАСТ МЕШАВАНД».
«ОЁ ХАШМИ ТУ БА ДАРЁҲО, ВА ҚАҲРИ ТУ БА БАҲРҲО НИГАРОНИДА ШУДААСТ?»
«НЕ, ТУ БАР АРОБАҲОИ НАҶОТБАХШИ ХУД САВОР ШУДАӢ!»
Хабаккук 3:1-10




Ҳабаққуқ 3:11-19




II Kings 18-19, 21:24-22:1


АГАРЧИ МУСО БА ИСРОИЛ ФАРМУДА БУД, КИ ЯГОНА ХУДОИ ҲАҚИҚИРО ПАРАСТИШ КУНАНД, ОНҲО БА ХУДОИ ФАРОВОНҲОСИЛӢ, БААЛ, РӮ ОВАРДАНД.
ПАЙҒАМБАР САФАНЁ БА ҲАМИН ҲАРҶУМАРҶИ РӮҲОНӢ ДАХОЛАТ НАМУД.
АСЛУ НАСАБИ ШОҲОНА БА Ӯ ИМКОН МЕДОД, КИ БА ДАРБОРИ ПОДШОҲ ДАСТРАСӢ ДОШТА БОШАД.
ВАҚТРО БЕҲУДА САРФ НАКАРДА, Ӯ БА ХУРДУ КАЛОН ПАЁМИ ХУДОРО ДАР БОРАИ ДОВАРӢ МЕРАСОНД.
«ҲАМАРО АЗ РӮИ ЗАМИН НОБУД МЕКУНАМ, МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР».
«ОДАМИЗОД ВА ЧОРПОЁНРО НОБУД МЕКУНАМ».
«МАРДУМРО БО ҲАМАИ БУТҲОЯШОН, КИ ПАРАСТИШ МЕКУНАНД, НЕСТ МЕКУНАМ».
«ОНҲО БАР БОМҲОИ ХУД БАРОМАДА, ОФТОБ, МОҲ ВА СИТОРАҲОРО ПАРАСТИШ МЕКУНАНД».
«ОНҲО ҲАМЧУНИН МӮЛИКРО ПАРАСТИШ МЕКУНАНД!»
«МАН ОНҲОРО НОБУД МЕКУНАМ – ЧУНКИ ОНҲО МАРО НАМЕҶӮЯНД ВА НАМЕТАЛАБАНД».

Сафанё 1:1-6


«САРВАРОН ВА ПИСАРОНИ ПОДШОҲ, ВА ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ ЛИБОСИ БУТПАРАСТОНРО МЕПӮШАНД – ҶАЗО ДОДА МЕШАВАНД».
«ВОВАЙЛО КУНЕД, ЭЙ СОКИНОНИ МАҲАЛҲОИ ТИҶОРАТӢ!»
«ҲАМАИ САВДОГАРОНИ ШУМО НОБУД КАРДА МЕШАВАНД».
«МАН УРШАЛИМРО БО ЧАРОҒҲО ТАФТИШ КАРДА, ҲАМАИ МАҒРУРОНРО ҶАЗО МЕДИҲАМ».
«ШУМО ХОНАҲО БИНО МЕКУНЕД – АММО ДАР ОНҲО СОКИН НАХОҲЕД ШУД».
«АГАРЧИ ШУМО ТОКҲО МЕШИНОНЕД, МАЙИ ОНҲОРО НАХОҲЕД НӮШИД».

Сафанё 1:7-13


САФАНЁЗАМОНЕРО ПЕШГӮЙ МЕКАРД, КИ БОБИЛИЁН УРШАЛИМРО ЗАБТ МЕКУНАНД... ВА НИЗ ОН РӮЗЕРО ПЕШГӮЙ МЕКАРД, КИ ТАМОМИ ЗАМИН ДОВАРӢ КАРДА МЕШАВАД.
РӮЗИ БУЗУРГИ ПАРВАРДИГОР НАЗДИК АСТ!
ДАР РӮЗИ ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОР ШУМОРО НА НУҚРААТОН НАҶОТ ДОДА МЕТАВОНАД, НА ТИЛЛО.
БО ОТАШИ РАШКИ Ӯ ТАМОМИ ЗАМИН ФУРӮ БУРДА ХОҲАД ШУД, ЗЕРО БАР ҲАМАИ СОКИНОНИ ЗАМИН ҲАЛОКАТИ НОГАҲОНИЕ ХОҲАД ОМАД.


ТАВБА КУНЕД, ЭЙ МАРДУМИ ГАРДАНШАХ – ҲАНӮЗ, КИ ВАҚТ ҲАСТ.
ПЕШ АЗ ОН КИ ҲУКМИ ҶАЗО БА АМАЛ ОЯД ВА ПЕШ АЗ ОН КИ ҒАЗАБИ ПАРВАРДИГОР БАР ШУМО ФУРУД ОЯД.
АЗ Ӯ ХОҲИШ КУНЕД, КИ ШУМОРО НАҶОТ ДИҲАД, ЭЙ ҲАМАИ НАРМДИЛОНИ ЗАМИН – ҲАМАИ ОНҲОЕ КИ ФАРМОНҲОИ ӮРО БА ҶО ОВАРДАН МЕХОҲЕД.
РОСТКОРИРО БИҶӮЕД, ФУРӮТАНИРО БИҶӮЕД, – ШОЯД, КИ ПАРВАРДИГОР ДАР РӮЗИ ХАШМ ҲИМОЯ КУНАД.
ЗЕРО ШАҲРҲОИ ФАЛИШТИИ ҒАЗЗА ВА АШҚАЛӮН ТАРК КАРДА ХОҲАНД ШУД.
САРЗАМИНИ МӮОБ ВА БАНӢАММӮН АЗ БОИСИ ДАШНОМ ВА ҲАҚОРАТҲОЯШОН ХАРОБАЗОРИ АБАДӢ ХОҲАД ШУД.
ҲАБАШ АЗ ДАМИ ШАМШЕР МЕГУЗАРАД, ВА АШШУР БА ХАРОБАЗОР ТАБДИЛ МЕЁБАД.


ВОЙ БА ҲОЛИ УРШАЛИМ – ШАҲРИ ЗӮРОВАРӢ ВА ҶИНОЯТҲО.
ОН МАҒРУР ШУДА, БА ОВОЗИ ПАРВАРДИГОР НИЗ ГӮШ НАМЕДИҲАД.
ОН ҲАР ГУНА ПАНДРО РАД МЕКУНАД.
КОҲИНОНИ ОН ИБОДАТГОҲРО НОПОК МЕНАМОЯНД, ШАРИАТИ ХУДОРО ХОР МЕДОРАНД.
АММО ПАРВАРДИГОР АНДАРУНИ ВАЙ РОСТКОР АСТ, ВА Ӯ НОИНСОФӢ НАМЕКУНАД.
АММО ҲЕҶ КАС ЭҲТИЁТ НАМЕШАВАД – ШАХСИ НОИНСОФ ШАРМРО НАМЕДОНАД.
ҲУКМИ МАН ИН АСТ, КИ ХАЛҚҲОРО ҶАМЪ КУНАМ, ВА МАМЛАКАТҲОРО ФАРОҲАМ ОВАРАМ, ТО КИ ҒАЗАБИ ХУДРО, ТАМОМИ ШИДДАТИ ХАШМИ ХУДРО БАР ОНҲО БИРЕЗАМ».
«ТАМОМИ ЗАМИН БО ОТАШИ РАШКИ МАН ФУРӮ БУРДА ХОҲАД ШУД».


Сафанё 3:1-8


«БА МАРДУМИ ХУД ЛАБОНИ ПОКЕ ХОҲАМ БАХШИД, ТО КИ ПАРВАРДИГОРРО ЯКДИЛОНА ПАРАСТИШ НАМОЯНД».
«МАН ҲАВОБАЛАНДОНИ ШОДМОНИ ТУРО АЗ ДАРУНИ ТУ ДУР ХОҲАМ КАРД, ВА ТУ ДИГАР ДАР КӮҲИ ПОКИ МАН КАЛОНИГАРӢ НАХОҲӢ НАМУД».
«АНДАРУНИ ТУ МАРДУМИ ФУРӮТАН ВА БЕНАВО БОҚӢ ХОҲАНД МОНД, ВА ОНҲО БА НОМИ ПАРВАРДИГОР ПАНОҲ ХОҲАНД БУРД».
«ПАРВАРДИГОР ҚОДИР АСТ НАҶОТ ДИҲАД».
«ДАР ҲАҚҚИ ТУ БО ШОДМОНӢ ДИЛХУШ ХОҲАД ШУД, ДАР ҲАҚҚИ ТУ БО НИДОҲО ШОДӢ ХОҲАД КАРД».

Сафанё 3:9-17


МАВЪИЗАИ САФАНЁ ТАЪСИР РАСОНД.
ПОДШОҲ ЮШИЁҲУ КИТОБИ ШАРИАТРО ЁФТА, МАРДУМРО БА ИТОАТКОРӢ ВА ПАРАСТИШИ ПАРВАРДИГОР ҲИДОЯТ НАМУД.
АММО ИН БАРОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ТАЪСИРИ СОЛҲОИ БУТПАРАСТИИ ПОДШОҲОНИ ГУЗАШТА КИФОЯ НАБУД... ЗЕРО ПОДШОҲ НАБУКАДНЕСАР БА ЗУДӢ БОЯД УРШАЛИМРО ЗАБТ КАРДА, БИСЁРИҲОРО БА АСОРАТ МЕБУРД.
ОНҲО ДАР ИН ҶО МОНДА, МОРО МУҲОСИРА МЕКУНАНД, ТО ДАМЕ КИ МО АЗ ГУРУСНАГӢ НОИЛОҶ МОНЕМ.
Ё ТО ДАМЕ КИ МО БАРОИ МУҲОРИБАҲО НОТАВОН ШАВЕМ...
ДАР АЙНИ ҲОЛ ХУДО БА ВОСИТАИ САФАНЁ БА ХАЛҚИ ЯҲУДӢ ВАЪДА ДОД...
ШУМОРО ХОҲАМ ОВАРД, ВА ШУМОРО ҶАМЪ ХОҲАМ КАРД, ВА ШУМОРО ДАР МИЁНИ ҲАМАИ МАРДУМОНИ ЗАМИН СОҲИБИ ШӮҲРАТ ВА ИЗЗАТ ХОҲАМ ГАРДОНИД.
ОНҲО ШУМОРО ШӮҲРАТ ХОҲАНД ДОД, ҲАНГОМЕ КИ ШУМОРО АЗ АСОРАТ БАРМЕГАРДОНАМ.
II Подшоҳон 23:26-27, Сафанё 3:18- 20


Ҳаҷҷай
ДАР СОЛИ 538 ТО МИЛОД КУРУШИ ФОРСӢ ФАРМОНЕ БАРОВАРД, ТО КИ ЯҲУДИЁН БА ЗАМИНИ ХУД БОЗГАШТА ТАВОНАНД.
БА ИН САФАРИ АВВАЛИН КАМЕ БЕШТАР АЗ 50 000 КАС РАВОНА ШУДАНД.
САРВАРИ ОНҲО ЗАРУБОБИЛ БУД, НАБЕРАИ ПОДШОҲ ЕҲӮЁКИН, КИ ҲАНГОМИ БА УРШАЛИМ ҲУҶУМ КАРДАНИ БОБИЛ ПОДШОҲ БУД.
ПАС АЗ ДУ СОЛ, ДАР СОЛИ 536 ТО МИЛОД, ЯҲУДИЁН БАРҚАРОР НАМУДАНИ ИБОДАТГОҲРО САР КАРДАНД.
АММО АЗ БОИСИ МУХОЛИФАТИ ХАЛҚҲОИ ҲАМСОЯ ВА БЕПАРВОИИ БИСЁР МУҲОҶИРОН – КОРИ ИБОДАТГОҲ ТАВАҚҚУФ КАРД.
АЗ ШОНЗДАҲ СОЛ ХУДОДУ ПАЙҒАМБАРИ ХУД – ҲАҶҶАЙ ВА ЗАКАРЁРО ФИРИСТОД, ТО ЯҲУДИЁНРО ВОДОР НАМОЯНД, КИ СОХТМОНИ ИБОДАТГОҲРО ДАВОМ ДИҲАНД – ВА АНИҚ КУНАНД, КИ АЗ ҶИҲАТИ РӮҲОНӢ ЧӢ ЧИЗ БАРОЯШОН МУҲИМТАР АСТ.
Ҳаҷҷай 1:1


ОНҲО БА ХУЛОСАИ НОДУРУСТ ОМАДАНД, КИ ЗАМОН БАРОИ БАРҚАРОР НАМУДАНИ ИБОДАТГОҲИ ПАРВАРДИГОР МУВОФИҚ НЕСТ.
ХУДО БА ИН БА ВОСИТАИ ПАЙҒАМБАР ҲАҶҶАЙ БО ПАНҶ ПАЁМ ҶАВОБ ДОД.
БА ВОҚЕАҲОИ АТРОФ НИГАРЕД – ВА ДАР БОРАИ РОҲҲОИ ХУД АНДЕША НАМОЕД.
БИСЁР КИШТ МЕКУНЕД – ВАЛЕ ҲОСИЛИ КАМ ҶАМЪОВАРӢ МЕКУНЕД.
ОЁ ШУМО ДАР ХОНАҲОИ БОЛОПӮШИДАИ ХУД ЗИСТА МЕТАВОНЕД, ДАР ҲОЛЕ КИ ХОНАИ ХУДО ХАРОБАЗОР АСТ?
МЕХӮРЕД – ВА СЕР НАМЕШАВЕ Д.
ЛИБОС МЕПӮШЕД, ВАЛЕ ОН ГАРМӢ НАДОРАД.
БАРОИ КОР МУЗД МЕГИРЕД – АММО ОН ҒАЙБ МЕЗАНАД, ГӮЁ ДАР ҲАМЁНИ СӮРОХДОР ГУЗОШТА ШУДА БОШАД.
ЧАРО?!
ЗЕРО ХОНАИ ХУДО ХАРОБАЗОР АСТ.
ХУДО МЕГӮЯД: «БА ҶАНГАЛҲО РАФТА1 ЧӮБ БИЁРЕД, ВА ИБОДАТГОҲИ МАРО БИСОЗЕД, ВА МАН АЗ ОН ХУШНУД ШУДА, ҶАЛОЛ ХОҲАМ ЁФТ».
(1) ДАР ДАВОМИ 70 СОЛИ АСОРАТ ҶАНГАЛҲО АЗ НАВ САБЗИДАНД.


БАЪД, АЗБАСКИ МАРДУМ БА ПАЁМИ ЯКУМ ГӮШ ДОДАНД, 23 РӮЗ ПАС ПАРВАРДИГОР ҲАҶҶАЙРО БО ПАЁМИ ДУЮМ ФИРИСТОД.
«МАН БО ШУМО ҲАСТАМ, МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР.
ҲАНГОМЕ КИ ҲОКИМ ЗАРУБОБИЛ, САРКОҲИН ЮШАЪ ВА ҲАМАИ МУҲОҶОРОНИ БОЗГАШТА ШУНИДАНД, КИ ПАРВАРДИГОР ДАР МЕҲНАТАШОН БО ОНҲОСТ, РӮҲБАЛАНД ШУДАНД.
МО ҲАМАИ КОРГАРОНРО БО ХӮРОКВОРӢ ТАЪМИН МЕКУНЕМ, ОНҲО АЗ ҲЕҶ ҶИҲАТ ТАНҚИСӢ НАХОҲАНД КАШИД.
КОҲИНОН ДАР ЛОИҲАКАШИИ ОН ИШТИРОК МЕКУНАНД, ТО БОВАРӢ ҲОСИЛ КУНАНД, КИ ИБОДАТГОҲ МУВОФИҚИ НАМУНАЕ СОХТА МЕШАВАД, КИ ХУДО БА СУЛАЙМОН ДОДА БУД.
ОНҲО ТАМОМИ КӮШИШУ ҒАЙРАТИ ХУДРО БА БАРҚАРОР НАМУДАНИ ИБОДАТГОҲ РАВОНА НАМУДАНД.
Ҳаҷҷай 1:12-14


ҲА, ҲЕҶ ЧИЗ БО ОН БАРОБАР ШУДА НАМЕТАВОНАД.
АММО ИБОДАТГОҲЕ КИ СУЛАЙМОН БАРОИ ПАРВАРДИГОР СОХТА БУД, АЗ ИН ИБОДАТГОҲ ХЕЛЕ БОШУКӮҲТАР БУД.
ДАР РОБИТА БО ИН, ҲАҶҶАЙ БА МУҲОҶИРОН ПАЁМИ СЕЮМРО РАСОНД.
ХУДО МЕПУРСАД: «КӢ ДАР МИЁНИ ШУМО ИН ХОНАРО ДАР ҶАЛОЛИ АВВАЛАИ ОН ДИДААСТ? ВА ОН АКНУН ДАР НАЗАРИ ШУМО Чӣ ГУНА АСТ?»
«АЛБАТТА, ОН НОЧИЗ МЕТОБАД».
«УСТУВОР БОШ, ЗАРУБОБИЛ», –МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОР.
«УСТУВОР БОШ, ЭЙ САРКОҲИН ЮШАЪ».
«УСТУВОР БОШЕД, ЭЙ ТАМОМИ ХАЛҚИ МАН».
«МАН БО ШУМО ҲАСТАМ. ПАЙМОНЕРО, КИ ДАР ВАҚТИ АЗ МИСР БЕРУН ОМАДАНАТ БО ШУМО БАСТА БУДАМ, БА ЁД ОВАРЕД».
ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО МЕГӮЯД:«БАЪД АЗ АНДАК ВАҚТ МАН ОСМОН ВА ЗАМИН ВА БАҲР ВА ХУШКИРО БА ЛАРЗА ХОҲАМ АНДОХТ».1
(1) АГАРЧИ ХУДО ХАЛҚҲОРО МЕКӮЧОНД ВА АЗ ҶОЕ БА ҶОЕ ИНТИҚОЛ МЕДОД, ИН ЗИКР ДАР ХУСУСИ ФАЛОКАТҲОЕ МЕГӮЯД, КИ ДАР БОБҲОИ 6-19 КИТОБИ ВАҲӢ ТАСВИР ЁФТААНД.
«"ҲАМАИ ХАЛҚҲОРО БА ЛАРЗА ХОҲАМ ОВАРД, ВА ОРЗУИ ҲАМАИ ХАЛҚҲО ХОҲАД ОМАД, ВА МАН ИН ХОНАРО АЗ ҶАЛОЛ ПУР ХОҲАМ КАРД", –МЕГӯЯД ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО».
(2) МАСЕҲ ПОДШОҲИИ ҲАЗОРСОЛАИ ХУДРО ДАР ЗАМИН БАРПО МЕКУНАД.

Ҳаҷҷай 2:1-9


ПАС АЗ ДУ МОҲ ҲАҶҶАЙ ПАЁМИ ЧОРУМРО РАСОНД. ХУДО БА Ӯ ДАСТУР ДОД, КИ БА КОҲИНОН САВОЛҲО ДИҲАД.
«ХУДО МЕПУРСАД: "АГАР КАСЕ ГӮШТИ МУҚАДДАСРО ДАР ДОМАНИ ҶОМАИ ХУД БАРДОРАД, ВА БО ДОМАНАШ БА НОН, Ё ОШ, Ё МАЙ, Ё РАВҒАН ВА Ё БА ХАР ХӮРОК БИРАСАД, ОЁ ОН МУҚАДДАС МЕШАВАД?"»
НЕ, МУҚАДДАСӢ ИН ГУНА БА ЧИЗҲОИ ДИГАР НАМЕГУЗАРАД.
«АММО АГАР КАСЕ БА ҶАСАДИ МУРДА РАСИДА НОПОК ШУДА БОШАД, ВА БАЪД БА ЧИЗЕ РАСАД, ОЁ ОН НОПОК МЕШАВАД?»
ҲА.
«ШУМО БО МУНОСИБАТИ ЗАРПАРАСТОНА ВА АНДЕШАҲОИ БАД ҚУРБОНИҲОИ ХУДРО НОПОК МЕКАРДЕД – ВА НА ТАНҲО ҚУРБОНИҲОИ ХУДРО, БАЛКИ ҲАМЧУНИН ҲАМАИ ОН ЧИРО, КИ ҲАМЧУН “ХИЗМАТ”БА ПАРВАРДИГОР МЕКАРДЕД...»
«...АЗ ҲАМИН САБАБ ҲАМАИ ОН ЧИ МЕКАРДЕД, НОДУРУСТ БУД».
«АММО АКНУН ҲАМА ЧИЗ ДИГАРГУН ШУД, ЗЕРО ШУМО СОХТАНИ ИБОДАТГОҲРО САР КАРДЕД».
Ҳаҷҷай 2:10-19


ХУДИ ҲАМОН РӮЗ ҲАҶҶАЙ ПАЁМИ ПАНҶУМ ВА ОХИРИНИ ПАРВАРДИГОРРО РАСОНД.
«БА ҲОКИМИ ЯҲУДО ЗАРУБОБИЛ ГӮЙ: МАН ОСМОН ВА ЗАМИНРО БА ЛАРЗА ХОҲАМ АНДОХТ...»
«...ВА ТАХТҲОРО САРНАГУН ХОҲАМ СОХТ, ВА ҚУВВАТИ МАМЛАКАТҲОИ ХАЛҚҲОРО НОБУД ХОҲАМ НАМУД. МАН ҚУДРАТИ ҲАРБИИ ОНҲОРО НОБУД ХОҲАМ КАРД, ВА БАРОДАРОНУ РАФИҚОН ЯКДИГАРРО ХОҲАНД КУШТ».1
«АММО ҲАНГОМЕ КИ ИН РӮЙ МЕДИҲАД, МАН ТУРО, ЭЙ БАНДАИ МАН ЗАРУБОБИЛ, МЕГИРАМ ВА ТУРО МОНАНДИ АНГУШТАРИИ МӮҲРДОРЕ2 ДАР АНГУШТИ ХУД МЕГУЗОРАМ; ЧУНКИ МАН ТУРО ИНТИХОБ КАРДААМ», – МЕГӮЯД ПАРВАРДИГОРИ ЛАШКАРҲО.
(1) ДАР ИН ҶО ҲАҶҶАЙ САРНАГУН КАРДАНИ МАМЛАКАТҲОИ ҶАҲОН ВА БАРПО ШУДАНИ ПОДШОҲИИ МАСЕҲРО ТАСВИР МЕКУНАД. Ӯ БА РӮЗЕ МЕНИГАРАД, КИ МАСЕҲ ДАР ЗАМИН ПОДШОҲӢ МЕКУНАД.
(2) АНГУШТАРИИ МӮҲРДОР РАМЗИ ҲОКИМИЯТ, ШАРАФ ВА ҚУДРАТ БУД. ПАРВАРДИГОР АНГУШТАРИИ ЯҲУЁКИНРО ОН ВАҚТ ГИРИФТ, КИ ХАЛҚ АСИР ГАРДИД (ИРМИЁ 22:24). АММО ИН ҶО Ӯ ДАР НАБЕРАИ ЯҲУЁКИН ЧУН НАМОЯНДАИ РАСМИИ АВЛОДИ ДОВУД ТАҶДИД ЁФТААСТ, КИ ҲАНГОМИ ПОДШОҲИИ ҲАЗОРСОЛАИ МАСЕҲ БА АВҶИ АЪЛОИ ХУД МЕРАСАД.

"THE BIBLE EXPLAINED
IN EVERY LANGUAGE."













**SUPERBIBLE.TV**